**Тақризи**

**муқаррризи расмӣ, номзади илмҳои филологӣ Салимзода Олим ба диссертатсияи Исмоилова Фарзона Қаюмовна - “Матбуот дар ҷангҳои иттилоотӣ (дар мисоли ҳаводиси Миср солҳои 2011-2013)” барои дарёфти унвони номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.10 - Рӯзноманигорӣ.**

Матбуот яке аз қадимтарин навъи воситаи ахбори омма буда, он дар ҳар давру замон вазифаи худро назди ҷомеа адо мекунад. Пайдо шудани воситаи электронии ахбори омма аз қабили телевизион ва радио, агентиҳои иттилоотию сомонаҳои интернетӣ ҷойи рӯзномаро гирифта натавонист ва дар шароити кунуни ҳам рӯзнома чун як навъи фаъоли ВАО боқӣ монад. Бо тараққиёти ҷомеа ва пешрафти босуръати техноогияи ҳозиразамон рӯзномаҳо низ бо тарзу усули хос рӯйи кор омада, ҳанӯз ҳам аудитория ба ин навъи ВАО таваҷҷуҳ дорад. Зеро агар иттилоъ аз тариқи васоити электрониии ахбор танҳо дар як фосилаи кутоҳи вақт шунида ё дида шавад, аммо маводи матбуотро ҳатто хонандаи одӣ метавонад гаштаю баргашта хонд ва таҳлил намояд. Аз ин лиҳоз, кишварҳои абарқудрат дар муборизаҳои иттилоотӣ аз қувваи матбуот васеъ истифода мебаранд. Омӯзиши нақши матбуот дар ҷангҳои иттилоотӣ дар мисоли кишвари алоҳида мушкили доғи рӯзи журналистикаи муосир ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, интихоби мавзӯи мазкур аз ҷониби диссертант Фарзона Исмоилова саривақтӣ ва муҳим аст.

Бояд зикр кард, ки мавзӯи рисола мубрам аст, зеро ҷангҳои иттиллотӣ дар шароити имрӯза низ ҳамвора идома дошта, қудратҳои бузурги ҷаҳонӣ барои манофеашон ҳадафмандона аз он кор мегиранд. Табиист, ки барои роҳандозии ҷангҳои иттилоотӣ воситаи аввалиндараҷа воситаҳои ахбори омма бо ҳама намудҳои он мебошад. Барои он ки таъсир расонидан ба афкори ҷомеа аз тариқи ВАО қулай ва осонтар аст. Диссертант Исмоилова

Фарзона ҳамин ҷиҳатро хуб дарк карда, дар мисоли авзои сиёсии давлати Миср таҳқиқ намудааст.

Чунон ки маълум аст, Ҷумҳурии Мисри Араб пас аз Ҷумҳурии Тунис дуюмин кишвари арабие буд, ки соли 2011 мавҷи нооромиҳо онро фаро гирифт. Бисёре аз муҳаққиқону таҳлилгарон ҳаводиси «Баҳори араб»-ро нақшаҳои тарҳрезикардаи мамолики абарқудрат номиданд, вале шояд кам касе андеша кунад, ки амаликунандаи нақшаҳои хориҷиён дар давлатҳои Араб маҳз васоити ахбори оммаи худи ҳамин кишварҳо буданд. Инчунин, тавассути дастгирии воситаи ахбори оммаи Миср ва тарғиботи саросарии он ҳаракати тундгарои ифротии "Бародарони мусулмон" тавонистанд нооромиро ба вуҷуд оварда, ба сари қудрат биёянд. Ба назари диссертант Исмоилова Фарзона ин таҷрибаи талхро Тоҷикистон ҳанӯз солҳои навадуми асри гузашта чашида буд, ки ин ҳодисот ба нооромиҳои кишвари Миср зиёд шабоҳат дорад. Муҳаққиқ муайян намудани нақши матбуотро дар нооромиҳои давлати Миср яке аз масъалаҳои мубрами илми журналистикаи муосир дониста, таҳқиқи онро зарур меҳисобад. Зеро воқеоти кишварҳои гуногуни олам нишон медиҳад, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ нақши воситаҳои ахбори омма аз ҳарвақта дида дар сар задани низоъҳо бештар аст. (саҳ 5.)

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Исмоилова Фарзона аз муқаддима, 3 боб, 6 фасл ва хулосаву рӯйхати адабиёт таркиб ёфтааст.

Дар муқаддима мубрамияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиш ва навгонии он, инчунин мақсаду ҳадафҳои таҳқиқ, арзиши амаливу назариявии рисола, методологияи таҳқиқ нишон дода шудааст. Бояд гуфт, дар он ба сарчашмаҳои зиёде аз муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ истифода бурда, хулосаҳои илман асоснок бароварда, кори мукаммалеро анҷом додааст.

Боби аввали рисола - **«Омилҳои ба вуҷуд омадани нооромиҳо ва баррасии он дар матбуоти Миср** – аз ду зербоб иборат аст. Муаллиф дар ин боб бо мисолҳои мушаххас як навъ сабабу омилҳои сар задани бесуботии давлати Мисрро нишон медиҳад.

Дар зербоби аввал - **“Заминаҳои оғози ҳодисаҳои соли 2011”** зикр мегардад, ки дар сар задани воқеаҳои «Баҳори араб» нақши ВАО, махсусан расонаҳои иҷтимоӣ калон аст. Муҳаққиқ дар ин зербоб бо зикри пайдарҳамии рӯйдод сарчашмаи сар задани онро нишон додан мехоҳад. Менависад, ки нооромиро нахуст сомонаи «WAAKS», яъне (We Are All Khaled Said) ба вуҷуд овард. Ин сомона пас аз ба ҳалокат расидаи тоҷири ҷавон Холид Саид дар натиҷаи латукуби полис 10 июни соли 2010 аз ҷониби Ғоним Вийл, ки муҳандиси компютер буд ва дар ин баробар директории ширкати «Google Inc»-ро дар Шарқи наздик ва Африқо бар дӯш дошт, таъсис ёфта буд...

Дар зербоби дуюми боби аввал - “**Матбуоти Ҷумҳурии Мисри Араб дар ҷангҳои иттилоотӣ**” таваҷҷуҳ ба омӯзиши нақши матбуоти Миср дар раванди ҷангҳои иттилоотӣ равона шуда, диссертатнт муайян кардааст, ки дар ибтидои нооромиҳо воситаҳои ахбори оммаи Миср, махсусан матбуот чун дастгоҳи тарғиботӣ аз ҷониби абарқудратҳо истифода мешуд. Аммо аз соли 2013 сар карда рӯзноманигорон дарк намуданд, ки дар ин муборизаҳои иттилоотӣ бояд аз манфиати миллӣ ҳимоят кунан.

Боби дуюми диссертатсияи Исмоилова Фарзона **- «Инъикоси ҳаводиси Миср дар ВАО-и ҷаҳон»** - низ аз ду зербоб иборат мебошад.

Зербоби аввали боби дуюм “**Воқеоти Миср дар оинаи ВАО-и Тоҷикистон”** номгузорӣ шудааст. Диссертатнт менависад, ки воқеаҳои Миср дар расонаҳои Тоҷикистон ҳам зиёд мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Агарчи сомонаи Радиои «Озодӣ» (www.Ozodi.org) ба

телевизионҳои Тоҷикистон эрод гирифтааст, ки дар телевизионҳои давлатии ҷумҳурӣ дар бораи воқеаҳои Миср чизе намегӯянд ва ин ноорамиҳоро тариқи телевизионҳо нишон намедиҳанд. Назари хосса ва андешаҳои ҷудогона дар бораи ноорамиҳои кишварҳои арабӣ, махсусан Миср дар матбуоти тоҷик нисбат ба телевизион ва радио бештар ба чашм мерасад. (саҳ.60) Дар ин зербоб диссертант бо мисолҳо аз воситаи ахбори оммаи Тоҷикистон мавқеи ВАО-и тоҷикро ҳангоми инъикоси воқеоти олам, махсусан кишвари Миср нишон додааст.

Дар зербоби дуюми боби дуюм – “**Умумият ва фарқи бозтоби ҳодисаҳои Миср дар сомонаҳои матбуоти Россия ва ИМА»** муҳаққиқ ба натиҷаи аҷиб расидааст. Ӯ муайян кардааст, ки ҳам рӯзномаҳои америкоӣ ва ҳам рӯзномаҳои русӣ ҳангоми бозтоби ҳодисаҳои Миср ҳатман ба он мавзӯи демократияро ҳамроҳ мекарданд. Ин амал танҳо дар хабарҳо дида намешуд. Вале ҳангоми навиштани гузориш, мақола, шарҳ ва дигар мавод дар қолаби жанрҳои гуногун ҳатман масъалаи демократия, озодии баён ва ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон ба миён гузошта мешуд. Диди шахсии диссертант ва хулосаҳои мантиқию асосноки илмии ӯ ҳангоми баррасии ин боби рисола ба мушоҳида мерасад.

Боби сеюми рисола **“Рангорангии жанрӣ дар инъикоси ҳаводиси солҳои 2011-2013-и Миср”** унвон гирифта, чун ду боби аввал ду зербоб дорад.

Дар зербобои аввал - **“Инъикоси воқеоти сиёсӣ дар қолаби жанрҳои хабарӣ” -** муҳаққиқ баррасии вазъи давлати Мисрро дар қолаби жанрҳои ахборӣ таҳлил намудааст. Зербоби дуюмро бошад, **“Шарҳи воқеаҳои сиёсӣ дар қолаби жанрҳои таҳлилӣ”** ном дода, маълум намудааст, ки дар инъикоси вазъи сиёсии Миср дар даҳаи дуюми аср жанрҳои мақола, шарҳ ва таҳқиқоти журналистӣ бештар истифода шудаанд. Дар ҳар шумораи

рӯзномаҳо сармуҳаррирони онҳо сутуни муаллифии менавиштанд. Яъне колумнистика низ миёни жанрҳои таҳлилии матбуоти Миср мақоми хосса дорад. Дар ин боби диссертатсия муҳуҳақиқ бо мисолҳои мушаххас мақоми жанрҳоро дар инъикоси нооромиҳо ва риоя нагардидани чорчубаи жанриро дар ин давра дар матбуоти Миср баррасӣ намуда, метвон гуфт, ки аз ӯҳдаи вазифаи дарпешгузошта ба хубӣ баромадааст.

Диссертант дар қисмати хулосаи рисолаи илмӣ натиҷаҳояшро пешниҳод намудааст. Чунончӣ менависад, ки дар давраи аввали нооромиҳои Миср матбуот ва тамоми воситаи ахбори оммаи ин кишвар аз ҷониби абарқудратҳо чун дастгоҳ истифода шуд. Дар давраи дуюми нооромиҳо шуруъ аз соли 2013 бошад, матбуоти Миср дар ҷангҳои иттилооти алайҳи кишварашон фаъолона ширкат намуда, журналистон кӯшиш намуданд то аз манофеи давлат дастгирӣ намоянд.

Дар ҳамин ҳол, дар рисола баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба назар мерасад, ки ислоҳашон ба манфиати кор буда, сифати диссиртатсияро беҳтар мегардонад. Чунончи:

1. Дар рисола дар ҳар се боби кор такрори фикр ба назар мерасад.
2. Баъзе ибораву таъбирҳоро аз лиҳози мантиқӣ таҳрир кардан мебояд. (ибораи “мақолаҳои таҳлилӣ” дар саҳ.41).
3. Дар кор баъзан оҳанги нақлии публитсистӣ вомехӯрад.
4. Хулосаи фасли якуми боби як умуми аст, онро метавон мушаххас ва пурратар кард.
5. Дар боби сеюми диссертатсия агар як зербоби дигар ба жанрҳои публитсистӣ-бадеӣ бахшида мешуд, ин боб боз ҳам мукамалтар мегардид.
6. Хулосаи диссертатсия нисбатан зиёдтар аст (26 пункт) , хуб мешуд бандҳои 7 ва 8 якҷо карда шаванд.

7. Ҷо-ҷо камбудиҳои имлоиву техникӣ дида мешавад, киислоҳашон ба манфиат хоҳад буд.

Дар маҷмӯъ, диссертант Исмоилова Фарзона кори мукаммалеро анҷом додааст. Он чанд эроде, ки зикр кардем, арзиши амалии рисоларо кам намегардонад ва ислоҳашон ҳангоми нашри монография имкон дорад. Автореферат ва публикатсияҳо бо муҳтавои диссертатсия мувофиқат мекунад.

Бинобар ин, рисолаи Исмоилова Фарзона Қаюмовна дар мавзӯи **"Матбуот дар ҷангҳои иттилоотӣ (дар мисоли ҳаводиси Миср солҳои 2011-2013)"** таҳқиқоти анҷомшуда маҳсуб ёфта, муаллифи он аз рӯи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ - арзандаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

дотсенти кафедраи журналистикаи
ватанӣ ва байналхалқии муассисаи
таълимии байнидавлатии таҳсилоти
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон
номзади илмҳои филологӣ, О. Салимзода

Нишонии муассиса: 734025
Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, куч. М.Турсун-зода, 30
Тел: (+992 37) 2213550;
Нишонии саҳифаи расмӣ:
E-mail:salimzoda56@mail.ru
Тел: (+992 93) 500 -22-19

Имзои н.и. фил. дотсент
Салимзода Олимро
тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси Донишгоҳи
байнидавлатии (славяни)
Россия ва Тоҷикистон Алиев А.